HZTTRMY
HOZIRGI ZAMON TA'LIM-TARBIYA TIZIMINI
RIVOJLANTIRISH: MUAMMO VA YECHIMLAR"
XALQARO ILMIY-AMALIY KONFERENSIYA
DENOV, 16-OKTABR 2025 YIL
in-academy.uz

# ЗАБОНИ МО- ҲАСТИИ МО

**Рамазонова Дилбар Баҳриддин қизи**
Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогикаи Деҳнав Факултети педагогика равияи таҳсилоти ибтидоӣ, донишҷӯи соли сеюм гурӯҳи 8-БТ
Email: muhtorovekubzon37@gmail.com
https://doi.org/10.5281/zenodo.17346508

**Аннотатсия**: Забон ин воситаи муҳимтарини алоқаи ҷомеъа ба ҳисоб меравад. Забон бақои миллат аст. Дар рӯи ҷаҳон забонҳо хеле бисёранд. Ҷавонон барои омӯхтани забонҳои хориҷа кӯшишҳои зиёде доранд, вале бояд онҳо забони модарии худро фаромӯш накунанд. Забони модари забоне ба ҳисоб меравад, ки инсон аз кӯдаки аз падару модар, хешу ақрабо ва аз шахсони гирду атроф аз худ кардааст. Ӯ бо ин забон оламу одамро мешиносад.

Дар ин мақолаи навиштаи ман ҳам низ сухан дар бораи забони модари яъне забони тоҷики меравад. Дар ин мақола ба ҷавонон омӯхтани забони модари, дар бораи барои аъло таҳсил гирифтани наврасон шароитҳои фароҳамоварда сухан меравад.

**Калитвожаҳо:** Забон, забони модари, забони тоҷики, таълим, воситаи алоқа, мероси милли

**Annotatsiya:** Til jamiyatdagi eng muhim muloqot vositasidir. Til millatning barhayotidir. Dunyoda juda ko'p tillar mavjud. Yoshlar chet tillarini o'rganish uchun juda ko'p harakat qiladilar, lekin ular ona tilini unutmasliklari kerak. Ona tili - inson bolaligidan ota-onasi, yaqinlari, atrofidagi odamlardan o'rgangan tildir. U bu til orqali dunyoni, odamlarni biladi. Men yozgan ushbu maqolada ham ona tili, ya'ni tojik tili haqida so'z boradi. Mazkur maqolada yoshlarga ona tilini o'rgatish, yoshlarning mukammal bilim olishi uchun sharoit yaratish haqida so'z boradi.

**Kalit so'zlar:** Til, ona tili, tojik tili, ta'lim, muloqot vositalari, milliy meros

**Abstract:** Language is the most important means of communication in society. Language is the survival of the nation. There are many languages in the world. Young people make great efforts to learn foreign languages, but they should not forget their native language. The native language is the language that a person has learned since childhood from his parents, relatives, and people around him. He knows the world and people through this language.This article I wrote also talks about the mother tongue, that is, the Tajik language. This article talks about teaching young people their mother tongue, about creating conditions for young people to receive excellent education.

**Keywords:** Language, mother tongue, Tajik language, education, means of communication, national heritage.

**Аннотация:** Язык – важнейшее средство общения в обществе. Язык – залог выживания нации. В мире существует множество языков. Молодёжь прилагает огромные усилия для изучения иностранных языков, но им не следует забывать свой родной язык. Родной язык — это язык, который человек усвоил в детстве от родителей, родственников и окружающих. Через этот язык он познаёт мир и людей.В этой статье, написанной мной, также говорится о родном языке, то есть о таджикском языке. В этой статье говорится об обучении молодёжи родному языку, о создании условий для получения молодёжью качественного образования.

**Ключевые слова:** Язык, родной язык, таджикский язык, образование, средства общения, национальное наследие.

Забон маҷмӯи системаи овозӣ, луғавӣ ва дастури забонист, ки ҳамчун воситаи ифодаи фикр, ҳиссиёт ҳолат ва муносибат хизмат мекунад. Пайдоиши забон ба ташаккули ҷамъият ахт вобаста аст, зеро ки забон бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷи ҷамъият ба вуҷуд омада, баробари тараққии ҷамъият инкишоф меёбад. Аз ин ҷост, ки забон хоси инсон мебошад. Аз ин рӯ мафҳуми забон забони овозӣ буда, каломро ифода мекунад. Забон ҳамчун воситаи муошírату мухобира (ба ҳамдигар хабар расонидан) дар нутқ ба таври воқеӣ зоҳир мегардад. Ҳар фикре, ки дар майнаи мо пайдо мешавад, ба воситаи забон шакл мегирад ва бо он ифода мегардад.

Забон воситаи алоқаи нутқи инсон ба ҳисоб меравад. Забон бо тафаккур алоқаманд аст. Забони модарии ҳар як миллат сарчашма ва манбаи бақои он мебошад. Забон калиди дари донишу маърифат аст ва дар ҳама зинаҳои инкишофи таърих метавонад ба нафъи инсон хидмат намояд. Забони тоҷики ба гурӯҳи забонҳои эърони дохил мешавад. Ин забон забони қадимтарини ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Он тарихи 2500сола дорад. Дар дав-раи асрҳои миёна забони тоҷики дар ҳудудҳои Хуросон ва Моворуннаҳр бисёр паҳн шуда буд. Забони тоҷик меъроси миллии мо ва тамоми форсизабонон аст.

Сад соли ҳукмронии сулолаи Сомониёнро замони ташаккули бунёди забони адабии муосири дарии тоҷикӣ шуморидан мумкин аст. Осори илмию адабии олимону шоирони ин давра: Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино ва дигарон намунаи беҳтарини забони давраи нави забони дарии тоҷикӣ ба ҳисоб меравад.

Забони адабии ҳозираи тоҷик маънии забони адабии давраи наврo дорад. Дар давоми асрҳо меъёри забони адабии тоҷик дар ҷараёни инкишофи забон ташаккул ёфтааст. Ҳодисаи такмил ёфтани забони адабии ҳозираи тоҷик ва меъёрҳои он дар давраи нави инкишофи забони адабии тоҷик бештар ба назар мерасад, зеро ки дар ҳамин давра аз ҳисоби забони гуфтугӯӣ хеле ғанӣ гаштани таркиби луғавии забони адабии тоҷикро мушоҳида намудан мумкин аст.

Тараққиёти забони адабии ҳозираи тоҷик дар натиҷаи таъсири забони гуфтугӯӣ ва шохаҳои шевагии он дар ҳама соҳаҳои забон - овозшиносӣ, луғатшиносӣ ва сарфу наҳв ба мушоҳида мерасад. Масалан, тағйироти бо ин маънӣ вобастаи соҳаи сарф бештар ба шаклҳои феълӣ дахл дорад, ки дар ин хусус дар боло ишора рафт.

Забони тоҷики дар Ҷумҳурии мо ҳамчун фанни асосии таълими ба хонандагони мактабҳои миёна омӯзонида мешавад. Ин ҳурмат ва эҳтиром ба забони модарии моро намоён мекунад.

Забони модари дар мактабон на фақат вазифаи фанни таълимиро иҷро мекунад, балки вай воситаи таълим ҳам ба шумор меравад.

Хусусияти муҳими забони тоҷики, ҳамчун фанни таълими дар муқоиса бо фанҳои дигар аз он иборат аст, ки обекти омӯзиши он забон аст. Забони тоҷикӣ ба гурӯҳи эронии оилаи забонҳои ҳинду аврупоӣ дохил шуда, яке аз забонҳои қадимаи дунё ба шумор меравад. Ба намунаи осори хаттии забони форсии дарӣ (тоҷикӣ), ки то замони мо омада расидааст, беш аз дуним ҳазор сол пур мешавад. Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳои қадимаи соҳибхат мебошад. Дар ин роҳи тӯлонии тайкарда вай чанд

маротиба хати худро иваз намудааст. Яке аз намунаҳои осори аз ҳама қадимаи хати мехи (забони катибаҳои давраи подшоҳони ҳахоманишӣ, забони «Авасто» – забони матнҳои дини зардуштӣ) навиштаҷоти таърихи ҳукмронии шоҳ Дороб (522-486 то мелод) дар тахтасанги кӯҳи Бесутуни Эрон аст, ки то ба имрӯз ҳарфе аз он осеб надидааст.

Дар мактабҳои миёна хонандагон фанни бо номи забони тоҷики таҳсил мегиранд. Хонандагон ин фанро аз синфи як оғоз намуда то охир меомӯзанд. Ба ин фан дар давоми як ҳафта соатҳои зиёде ҷудо карда шуда аст. Дастури забони адабии ҳозираи тоҷик аз чанд бахшҳои ба ҳамдигар алоқаманд иборат аст. Аз ин рӯ, лозим аст, ки доир ба ҳар як бахш китобҳои дарсии алоҳида мавриди таълиф қарор бигирад.

Дар мактабҳои миёна фанни забон ва адабиёти тоҷикро устодони пурмаҳорат дарс медиҳанд. Барои мустаҳкам намудани дониши худ ё ин ки аз нав аз худ кардани методикаи забони тоҷик ба омӯзгорон ҳам низ шароитҳо фароҳам оварда шудаанд. Масалан дар Ҷумҳурии Соҳибистиқлоламон донишгоҳҳои ба забони тоҷики ихтисосонидашуда фаъолият ба пеш бурда истодаанд. Ин бо мақсади аз он ҷо дониши хуб гирифта ба ҷавонони наврас таълими аъло додан аст.

Забони тоҷики вазифаашро аз таърих хеле хуб иҷро намуда истодааст. Ҳама вақт инсон бо ҷомеаи зобон сурат мегирад. То замони имрӯза забони тоҷики се марҳила дорад: забони форсии қадим, миёна ва нав мебошад. "Забон аломати барҷастаи тафаккур ва маданаяти миллист. Мероси гаронбаҳову нотакрори фарҳанги миллат дар забони модарӣ ифода мегардад. Дар забони модарӣ услуби тафаккури мантиқии бузурги мо, суннатҳои миллӣ, урфу одатҳои мардумӣ, одоби тоҷикон ифода ёфтааст" гӯён фикр рондааст А.Абдуқодиров.

Маънои истилоҳи забони тоҷикӣ аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ хеле васеътар аст. Вакте ки забони мардуми тоҷик забони тоҷикӣ мегӯем, ҳам забони адабиро, ҳам тамоми лаҳҷаҳои тоҷикиро, ҳам забони гуруҳҳои этникиро (забони яҳудиён, арабҳо ва ҷӯгиёни Осиёи Миёнаро) дар назар мегирем. Пас, забони адабии тоҷикӣ чунин ҳиссаи муҳимтарини он забон аст, ки аз қаъри садаҳо дар осори илмию адабӣ сабт гардида, дар ривоятҳои мардумӣ аз даҳон ба даҳон гузашта, такмил ёфта, суфтаву равон гардида, то ба замони мо омада расидааст.

**Хулоса:** Мо бояд таърих ва қадру қиммати забони модариамонро донем. Забон оинаи миллат буданашро аз самими дил дарк намоем. Ҳар як забони зинда аз ҳастии ин ё он миллат дарак медиҳад. Забони модарии таърихи дуру дароз доштаамонро боз ҳам дарозумр гардонем. Забоншиносон зиёд гарданду забони тоҷики боз ҳам аз ин пурқудраттар гардад.

## Адабиётҳои истифода шуда:

1."Забони тоҷики" Анвари С. Кабиров Ш. Каримов Н.-Самарқанд-2024
2.Методикаи таълими забони тоҷики (Барои донишҷӯён ва муаллимони мактаб)-Р. Қурбонов Р. Ҳамроқулова З.-Ангрен-2014
3.Китоби дарсӣ барои донишомӯзони мактабҳои миёнаи умуми-Тошкент-2022
4.Забони адабии ҳозираи тоҷик (қисми 2)-Кабиров М. Воҳидов А. Чориев Т.-Тошкенд-2024.

5. Забони адабии ҳозираи тоҷик (лексикология)-Азимов Юнус-2023
6. Amirqulov, A. (2023). HUQUQIY MADANIYATNI SHAKLLANTIRISHDA O 'RTA ASRLAR SHARQ MUTAFAKKIRLARI MA'NAVIY MEROSINING ROLI. Евразийский журнал академических исследований, 3(1 Part 3), 76-79.